«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
___________ Хушвақтзода Қ.Х.
«____» _________ с. 2023

# ХУЛОСАИ

## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**доир ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа.**

Диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардида, аз марҳилаи якум ва дуюми ташхис дар ҷаласаҳои васеи кафедраи зикршуда ва раёсати илм ва инноватсияи ДДК ба номи А. Рӯдакӣ гузаронида шуда, барои ҳимоя пешниҳод гардидааст.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихоновичро дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пешниҳод шудааст, муҳокима намуда, дар асоси баромади муқарризони таъйиншуда аз ҷониби кафедра ва иштироккунандагони ҷаласа хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсия кори комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф таҳқиқоти пурдоман ва муфассалеро анҷом додааст, ки дар натиҷа кор дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ Камолов Шодмонҷон Валихонович аз сарчашмаҳои зиёди илмию таҳқиқоти истифода намуда, мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқро дар сатҳи зарурӣ муайян ва дараҷаи коркаду омӯзиши онро вобаста ба талаботи кори илмӣ мушаххас намудааст.

Муаллифи диссертатсия дар рафти таҳқиқоти илмӣ аз усулҳои диалектикӣ, объективӣ, таърихӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ ва равишҳои дигари илмҳои фалсафӣ ва ҷомеашиносӣ истифода намудааст. Муҳаққиқ зимни таҳияи диссертатсия масъалаҳои ҷой доштани мушкилот ва гуногуншаклӣ дар фаҳмиш ва истифодаи мафҳуми иттилоот, рушди соҳаи нави илм - «Фалсафаи иттилоот», мазмуни фалсафӣ ва умумиилмӣ

касб кардани мафҳуми «иттилоот», тамоюлҳои асосӣ дар таҳқиқ ва тавзеҳи мафҳуми «иттилоот», тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ, таносуби иттилоот ва дониш, иттилоот ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳонбинии муосири илмӣ, таъсири иттилооткунонии ҷомеаи муосир ба дигаргуншавии фаъолият, тарзи тафаккур ва низоми арзишҳои инсонӣ, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ, нақши ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони тоҷикистониро таҳлилу баррасӣ намудааст. Диссертатсия тариқи методологияи дурусти илмӣ таҳия гардида, арзиши баланди илмӣ ва методологиро дорад. Мафҳумҳои асосии таҳқиқот – иттилоот, инъикос, дониш, фалсафаи иттилоот, ҷаҳонбинӣ, афзоиши омили иттилоотӣ, таҳаввулоти инсон, таъсири иттилоот ба таҳаввулоти ояндаи инсон, воқеияти иттилоотӣ, ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва ғайра муфассал таҳлил гардидаанд, ки аз мустақилияти фикрии диссертант гувоҳӣ медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқи мавзуъ ва дараҷаи коркади он тавассути далелҳои муътамади илмӣ муайян гардида, мубрамияти он барои илм ва ҷомеаи муосир, махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Мақсади кори диссертатсионӣ аз мавзуи диссертатсия сарчашма гирифта, вазифаҳои гузошташуда мувофиқ ба талабот муайян гардида, ба объект ва предмети таҳқиқ, навгониҳо ва қисмати ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг мебошанд. Муаллиф дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ доираи васеи адабиёти илмиро мавриди таҳлил қарор дода, аз уҳдаи иҷрои ҳамаи вазифаҳои гузошташуда баромада, ҷанбаҳои муҳими мавзуъро пурра инъикос намудааст. Омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъро барои ҷомеа ва илми муосир муҳим арзёбӣ намуда, зарурати воқеӣ доштани онро ба пурраги нишон додааст.

Дар таҳқиқот муаллиф ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотиро барои ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити барзиёдии иттилоот, ба майдони нави мубориза ва фазои идоранашавандаи иттилоотӣ мубаддал гардидани ИНТЕРНЕТ, вусъат ёфтани буҳрони иттилоотӣ, нобаробарии иттилоотӣ, заҳролудшавии иттилоотӣ ва дигар равандҳои номатлуби иттилоотии авҷёбанда зарурӣ ва аҳамиятнок қайд намуда, зарурати ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ барои ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки имрӯз дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ қарор доранд, илман асоснок намудааст. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал дар фалсафа ва илми ватанӣ масъалаи таъсири омили афзоиши иттилоотӣ ба таҳаввулоти ояндаи инсон ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ

матраҳ гардида, навоварии таҳқиқот комилан мувофиқ ба талаботи илмӣ мебошанд. Аз ҷумла:

– бори аввал дар фалсафаи ватанӣ дар доираи таҳлили генезиси таърихӣ-фалсафӣ муайян карда шудааст, ки мафҳуми иттилоот то солҳои 20-уми асри XX дар фаҳмиши муқаррарӣ истифода гардида, баъдан мазмуни фалсафӣ ва умумиилмиро касб кард. Дар ин замина ба қатори мафҳумҳои бунёдии материя, энергия, ҳаракат ворид гардид;

– асоснок карда шудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами фалсафӣ-методологӣ дар илми муосир гурӯҳбандӣ ва банизомдарории равишҳои асосӣ дар тавсифи чунин падидаи бисёрмаъно, яъне иттилоот мебошад. Дар робита бо таносуби мафҳуми иттилоот бо дигар категорияҳои фалсафӣ ва илмӣ таҳлили фалсафӣ-методологӣ амалӣ гардонида шудааст;

– дар доираи фалсафаи иттилоот, антропологияи иттилоотӣ ва маълумоти илмӣ-табиӣ таъсири рушди босуръати техника ва технологияҳои иттилоотӣ, прогресси илмӣ-техникии имрӯза ба таҳаввулоти ояндаи инсон дар фазои иттилоотии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

– мушкилот ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ таҳқиқот гардида, доираи фарогирӣ ва таъсири он ба ҷаҳонбинии насли муосир нишон дода шудааст;

– дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-гуманитарӣ масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрами рӯз асоснок карда шудааст.

Хулосаҳои басдастоварда ва натиҷаҳои диссертатсия низ дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ арзёбӣ гардида, натиҷаҳои дастрасшуда дар коркарди асосҳои фалсафӣ ва методологии консепсияҳои иттилоотӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ саҳми хешро мегузоранд. Рисолаи таҳқиқотии пешниҳодшуда барои бунёди тасаввуроти амиқ дар бораи вокеияти иттилоотӣ, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни ҷойдошта дар ин ҷода мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонанд дар рушди минбаъдаи коркардҳо, инчунин, дар муайян намудани равишҳои фанҳои нави фалсафаи иттилоот ва информология истифода карда шаванд. Маводи таҳқиқотии дастрасшуда метавонад шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷавононро аз таъсири ахбору иттилооти манфӣ ҳифз кунад. Инчунин, аҳамияти илмӣ-амалии рисолаи таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи табиатшиносӣ, фалсафаи илм, фарҳангшиносӣ, антропология ва ғайра истифода кард.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг мебошанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст мавзуи барои ҷомеаи муосир ва Тоҷикстонро интихоб намояд, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, гузоштани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумоти бадастомада, коркарди муқарраroти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалиро мушаххас намояд. Ҳамчунин, тавонистааст маводи зиёди илмиро таҳлилу муқоиса намуда, хулосаҳои арзишманди илмӣ пешниҳод намояд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсия Камолов Шодмонҷон Валихонович кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомдодашудаи муаллиф мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи масъалаи мавриди таҳқиқ саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои фалсафӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ, эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз таъсири пуршиддати омили иттилоотӣ, ифротгароиву тундгароӣ, инчунин баланд бардоштани донишҳои нави илмӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар онҳо аҳамиятнок мебошад.

Диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» аз рӯйи мазмуну мундариҷа барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа пурра мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Он кори илмии мустақилона анҷомёфта буда, барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-29 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 22 феврали соли 2023 қабул гардидааст.

Дар маҷлис 17 нафар иштирок намуданд.

Тарафдор – 17 нафар; зид – нест, бетараф – нест. Суратмаҷлис №7/1 аз 22.02. 2023.

Мудири кафедра, н.и.ф., дотсент Амирхон Ш.Т.

Котиб, дотсент Давлатов П.Н

Имзои Амирхон Ш.Т. ва Давлатов П.Н.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори РККМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

24.02.2023с.